Замимаи №1
ба Фармоиши Ректори Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
аз «30» сентябри соли 2021,
№ 80/И

# БАРНОМАИ ДОХИЛИИДОРАВИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025 ҶИҲАТИ ИҶРОИ СТРАТЕГИЯИ ДАВЛАТИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030

TGFEU.TJ.TGFEU.TJ
TGFEU.TJ.TGFEU.TJ
TGFEU.TJ.TGFEU.TJ

ДДМИТ– 2021

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Коррупсия дар ҷаҳони муосир дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, дар риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ маҳсуб меёбад.

2. Муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва татбиқи он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад. Самаранокии муқовимат ба коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

3. Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст.

4. Баъди ба тасвиб расонидани “Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия” яъне шуруъ аз 25 сентябри соли 2006 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати имрӯза зиёда аз 20 санади меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шуда, барномасозии муқовимат ба коррупсия дар сатҳи давлатӣ ба роҳ монда шуд.

5. Барои расидан ба ҳадафҳои дар ин самт пешгирифта то ин муддат ду санади барномавии дурнамо, аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 “Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бароли солҳои 2008-2012” ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” қабул карда шуданд.

6. Тазаккур бояд дод, ки маҳз дар доираи стратегияҳои мазкур амалӣ намудани чорабиниҳо доир ба муқовимат ба коррупсия гувоҳи ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва кафолати ноил гардидан ба дастовардҳо дар ин ҷода шинохта шудааст.

7. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Стратегия) ҳамчун барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб рафта, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.

8. Чорабиниҳои дар Стратегия пешбинишуда ба меъёр ва принсипҳои қонунгузории миллӣ, ҳуқуқӣ байналмилалӣ, таҳлили вазъи ҷинояткорӣ ва пешгӯии раванди он, натиҷаҳои тадқиқотҳои илмию амалияи муқовимат ба коррупсия, таҷрибаи амалҳои муштарак, ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шудаанд, асос ёфтааст.

TGEU.TJ

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

9. Мақсад ва вазифаи асосии амалисозии барнома аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ, паст намудани шиддати коррупсия дар мақомот иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст.

10. Ҳамчунин, бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои мақомот дар назди роҳбарияти давлат, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомот, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо андешидани чораҳои маҷмуии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомот бо ташкилоту муассисаҳои зертобеъ дар раванди мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

11. Барои амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои болозикр бояд чунин тадбирҳо роҳандозӣ карда шаванд:

- муайян намудани роҳҳои муосири пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия дар мақомоти молия тибқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии кормандон дар самти муқовимат ба коррупсия ва дар ин замина фароҳам овардани шароити тоқатнопазир бо падидаи коррупсия;
- муайян намудани самтҳои афзалиятноки муқовимат ба коррупсия;
- пешбинӣ кардани чорабиниҳои мушаххас ҷиҳати пешгирии коррупсия, инчунин муайян намудани иҷрокунандагон ва мухлати он;
- муайян намудани тартиби назорати иҷрои чорабиниҳои зиддикорупсионӣ;
- баланд бардоштани самаранокии тарғибу ташвиқи зиддикорупсионӣ ва фаъолияти мақомоти молия дар ин самт.

## 3. ПРИНСИПҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

12. Принсип ин маҳакҳои асосии роҳбарикунандае мебошад, ки ҳангоми татбиқи барномаи мазкур истифода бурда мешаванд.

Принсипҳои асосии барнома аз инҳо иборат мебошад:
- қонуният;
- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ошкорбаёнӣ ва шаффофият;
- ба назар гирифтани афкори ҷомеа;

- эътироф намудани коррупсия ҳамчун хатари асосӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- истифодаи маҷмӯи чораҳо дар муқовимат ба коррупсия;

## 4. ТАДБИРҲО ВА МЕХАНИЗМИ АМАЛИГАРДОНИИ СТРАТЕГИЯ

13. Проблемаи коррупсия аз он иборат аст, ки он ба сохтори идоракунии давлатӣ, хоҷагии халқ, соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ба тамоми ҷамъият зарари ниҳоят калон расонида мешавад.

14. Вазъи воқеии коррупсия - ин як навъи таваҷҷӯҳ ба нуқсон дар кори механизми идоракунии мавҷуда дар шакли истифодаи нуқсонҳои он, ба таври ғаразнок таҳриф ё иваз намудани механизмҳои идоракунии барои ҷамъият ва давлат зарурӣ бо шакли коррупсионии он мебошад.

15. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 Стратегия ва нақша-чорабиҳои амалисозии он дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тавассути таҳия ва тасдиқи барномаи дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ ва нақша-чорабиниҳои дохилиидоравӣ амалӣ карда мешавад.

## 5. МОНИТОРИНГИ ИҶРОИ СТРАТЕГИЯ

16. Натиҷаи асосии амалисозии барнома аз беҳтар намудани вазъи пешгирии коррупсия, сари вақт ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва дигар омилҳои хусусияти коррупсионидошта мебошад.

1. Барои таъмини иҷрои муваффақонаи барномаи мазкур пеш аз ҳама, таҳти назорати қатъӣ қарор додани рафти таъмини иҷрои он, инчунин ташкил ва амалинамоии мониторинг нақши муҳимро иҷро менамояд.

2. Мониторинги барнома ин маҷмӯи чораҳои таҳлилӣ, маълумотӣ ва арзёбии тадбирҳо бо мақсади амалисозии шаффофи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро дар бар мегирад.